## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [Phd], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносӣ муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Кори диссертатсионии Ҳусайнова Фарида Бозоровна ба таҳқиқи забоншиносии муқоисавӣ дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” бахшида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ аввалин маротиба ба таври маҷмуӣ мавзуи категорияи шумора ва шахси феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаву истеъмоли он дар забони англисӣ таҳқиқ шудааст. Дар хусуси категорияи шахсу шумораи забонҳои муқоисашаванда маълумоти тоза дода шудааст. Бисёрҷанба будани мавзуи феъл бо фарогирии масъалаҳои муқоисавӣ, умумият ва фарқии шахсу шумораи феълҳо дар диссертатсияи мазкур муайян карда шудааст. Баъзе ҷанбаҳои баҳсбарангези категорияи шахсу шумора дар забони англисӣ дар замони муосир аз нав таҳқиқ шудаанд. Як қатор шабоҳату тафовути шахсу шумораи феълҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ ошкор карда шудаанд.

Дар рисолаи мазкур методҳои умумии таҳлили маводҳои забонӣ, аз ҷумла методҳои таҳлили ҷузъӣ, низомҳои дастурии таҳлили сохторию маъноӣ, методи муқоисавӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои назариявии таҳқиқ заминаҳои илмию назариявии таҳқиқоти минбаъдаро дар мавзуъҳои марбута тавсеа мебахшад. Натиҷаҳои онро ҳамчунин ҳангоми гузаштани машғулиятҳои назазриявӣ дар дарсҳои тоҷикӣ ва англисӣ, семинарҳо, таҳияи рисолаҳои курсӣ, хатм, диссертатсияҳо ва ғайра метавон истифода кард.

**Натиҷаҳои амалии диссертатсияи** мазкурро ташкил ва баргузории машғулиятҳои амалӣ оид ба грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, тарҷума ва ғайра метавон истифода бурд. Натиҷаҳои он ҳамчунин метавонанд ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, фарҳангҳои луғот ва ғайра дар доираи забонҳои мавриди таҳқиқ муфид бошанд.

Муаллифи диссертатсия бо такя ба осори илмӣ ва адабию луғатномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои таҳлили муқоисавии шумора ва шахси феълҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян кардааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашргардида аз тарафи муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

Илова бар ин, муҳтавои диссертасия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ тайи солҳои 2017-2024, ҳамчунин, дар конференсияҳои илмӣ-назариявии нақшавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ ироа ва баррасӣ гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқот ҳосилшуда дар якчанд банд ҷамъбаст шудааст. Рӯйхати адабиёт дар асоси меъёр ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашр намудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсияи илмӣ мебошад.

Бо назардошти афзалиятҳои зикршуда диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навигариҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровнаро дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [Phd], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 забоншиносӣ муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Баротзода Файзиддин Камолиддин** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

2. **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. **Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷаматов С.

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова М.
03.07.2024